# ДАСТУР ВА НАМУНАИ АРИЗАҲО ОИД БА ГИРИФТАНИ ЁРИИ ҲУҚУҚИИ РОЙГОН ТАВАССУТИ ИТТИФОҚИ АДВОКАТҲО

Аз соли 2015 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ" қабул гардидааст. Дар заминаи ин қонун, бо мақсади ташкили ёрии ҳуқуқии ройгон ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, Иттифоқи адвокатҳо таъсис дода шудааст.

**Суроғаи ҷойгиршавии Иттифоқи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон:** шаҳри Душанбе, кӯчаи Н. Қарабоев 65;

**Телефон барои тамос:** (+992 372) 34-85-95;

**Почтаи электронӣ:** info@advokatura.tj

**Сомона:** www.advokatura.tj

## Дастрасӣ ба ёрии ҳуқуқии ройгон дар шаҳру минтақаҳои ҷумҳурӣ

Барои ташкили ёрии ҳуқуқии ройгон, воҳидҳои сохторӣ, яъне мақомотҳои минтақавии Иттифоқи адвокатҳо дар минтақаҳои зерини Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфтаанд:

1. Мақомоти минтақавии Иттифоқи адвокатҳо дар ВМКБ, ш. Хоруғ, кӯчаи Ш. Шоҳтемур, бинои 131/5;
2. Мақомоти минтақавии Иттифоқи адвокатҳо дар вилояи Суғд, ш. Хуҷанд, маҳаллаи 20, бинои КВД "Кохи матбуот", ошёнаи 10-ум;
3. Мақомоти минтақавии Иттифоқи адвокатҳо дар вилояти Хатлон, ш. Бохтар, кӯчаи Дӯстии халқҳо, бинои 10, ҳуҷраи 12;
4. Мақомоти минтақавии Иттифоқи адвокатҳо дар ШНТҶ, ш. Душанбе, кӯчаи Фархор 12;
5. Мақомоти минтақавии Иттифоқи адвокатҳо дар ш. Душанбе, кӯчаи Мушфиқӣ 73.

Шаҳрвандон метавонанд, инчунин ба коллегияи адвокатҳо, маслиҳатхонаҳои ҳуқуқӣ ва ё кабинети адвокатӣ вобаста ба маҳалли истиқомати худ муроҷиат намоянд.

### Ёдовар мешавем!

Ҷиҳати дастрасӣ ба маълумот оиди ному насаби адвокатҳои ҷумҳурӣ, ва маълумот барои тамос бо онҳо ба сомонаи www.advokatura.tj гузаред ва маълумоти заруриро дар сатри **"адвокатҳо"** пайдо намоед.

## Гирандагони ёрии ҳуқуқии ройгон

Узви Иттифоқи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, яъне адвокатҳо ба шахсони зерин ёрии ҳуқуқии ройгон мерасонанд:

- ба даъвогарон дар судҳои марҳилаи якум ҳангоми баррасии парвандаҳо оид ба ситонидани алимент ва барқарор кардан ба кор;
- ба маъюбон ва шахсоне, ки саробони худро дар давраи муқовимати сиёсӣ ва ҳарбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз даст додаанд ва гурезаҳо;
- ба шаҳрвандон аз рӯи шикоят оид ба роҳ додани ғалат дар рӯйхати интихобкунандагон;
- ба вакилони мақомоти намояндагии ҳокимияти давлатӣ ҳангоми додани маслиҳат оид ба масъалаҳои қонунгузорӣ, ки бо иҷрои ваколатҳои вакилии онҳо алоқаманданд;
- ба ноболиғон, агар васӣ ё парастор надошта бошанд;
- ба даъватшавандаҳо ба хизмати ҳарбӣ ва хизматчиёни ҳарбии муҳлатнок;
- дар ҳолатҳои дигаре, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ кардааст.

### Шумо бояд донед!

Зимни муроҷиат ба ташкилоти адвокатӣ, шахс уҳдадор аст, ҳуҷҷати лозимаро, ки ба ӯ гирифтани ёрии ҳуқуқии ройгонро имкон медиҳад, пешниҳод намояд.
Масалан:

- оид ба барқарор кардан ба кор, фармони аз кор хориҷ шудан;
- шахси дорои маъюбият, шаҳодатномаи маъюбӣ;
- гуреза бошад, шаҳодатнома оид ба доштани мақоми гуреза.

## Ташаббуси нав барои шаҳрвандон!

Бо дастгирии шарикону рушд, Иттифоқи адвокатҳо Маркази захираҳои ҳуқуқӣ таъсис додааст. Мақсад аз таъсиси ин Марказ, пешниҳоди маслиҳатҳои ҳуқуқии ройгони **онлайнӣ, телефонӣ** ва зимни **вохӯриҳои шахсӣ** ба табақаҳои осебпазири аҳоли мебошад.

**Суроғаи ҷойгиршавии Маркази захираҳои ҳуқуқӣ:** шаҳри Душанбе, кӯчаи Н. Қарабоев 65;

**Ному насаб, телефон в почтаи электронии машваратчиён-адвокатҳо:**

1. Окилов Фозил Олимович, тел: 93 404 03 75, fozil.okilov@mail.ru;
2. Маҳсиддинов Хуршед Сайфиддинович, тел: 20 577 53 53, istiklol2505@mail.ru.

**Дастрасӣ ба маслиҳатҳои ҳуқуқии ройгони онлайнӣ:** www.lrc.tj

### Дар хотир доред!

Марказ ба доираи шаҳрвандони зерин машварати ҳуқуқии ройгон мерасонад:

- Муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзоёни оилаҳои онҳо;
- Заноне, ки қурбонии хушунати хонаводагӣ шудаанд;
- Заноне, ки қурбонии хариду фурӯши одамон шудаанд;
- Занон оид ба масъалаҳои ситонидани алимент;
- Шахсони дорои маъюбият.

## Ёрии ҳуқуқии ройгон дар парвандаҳои ҷиноятӣ

Бо парвандаҳои ҷиноятӣ, ки дар пешбурди мақомоти таҳқиқ, тафтишот ва ё дар баррасии судӣ қарор доранд, тибқи ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ва ё дархости гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда адвокат ба таври ройгон таъмин карда мешавад. Яъне гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда дар дилхоҳ давраи тафтишот, метавонанд аз таҳқиқбаранда, муфаттиш ва ё судя талаб намоянд ки ба онҳо адвокат таъмин карда шавад, таҳқиқбаранда, муфаттиш ва ё судя дар навбати худ, ухдадор аст бо қарор ё таъиноти худ тавассути Маркази ёрии ҳуқуқӣ ва ё  Иттифоқи адвокатҳо адвокатро даъват намояд.

## Диққат!

Дар зер намунаи аризаҳо ба Иттифоқи адвокатҳо, мақомотҳои минтақавии он ва ташкилотҳои адвокатӣ оид ба гирифтани ёрии ҳуқуқии ройгон пешниҳод шудаанд. Ҳангоми зарурат, Шумо метавонед бо истифода аз намунаҳои пешниҳодшуда ба мақомоти дахлдор мурҷиат намоед.

*Намунаи 1*

**Ба Иттифоқи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Аз номи** *(насаб, ном ва номи падари муроҷиаткунанда)*, **истиқоматкунандаи** *(суроғаи истиқомати муроҷиаткунанда)*, **рақами телефон:** *(рақами телефони муроҷиаткунанда)*

**А Р И З А**

Аз Шумо эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки ба ман дар асоси моддаи 32 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ”, дар баҳси судӣ дар суди марҳилаи якум оид ба ситонидани алимент, ёрии ҳуқуқии ройгон расонед.

**Замима:**

1. Нусхаи шиноснома;
2. Нусхаи шаҳодатномаҳои таваллуди кӯдакон;
3. Нусхаи маълумотнома дар бораи оилаи камбизоат (ҳатмӣ нест)

**Аризадиҳанда:** ____________________ __. __.                ____________________
(ному насаб)                (имзо)

“_____” ____________________ ________
(санаи пешниҳод намудани ариза)

*Намунаи 2*

**Ба Мақомоти минтақавии Иттифоқи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ш. Душанбе**

**Аз номи** *(насаб, ном ва номи падари муроҷиаткунанда)*, **истиқоматкунандаи** *(суроғаи истиқомати муроҷиаткунанда)*, **рақами телефон:** *(рақами телефони муроҷиаткунанда)*

**А Р И З А**

Аз Шумо эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки ба ман дар асоси моддаи 32 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ", дар баҳси судӣ дар суди марҳилаи якум оид ба барқарор кардан ба кори пештара, ёрии ҳуқуқии ройгон расонед.

**Замима:**

1. Нусхаи шиноснома;
2. Нусхаи фармони аз кор озод намудан.

**Аризадиҳанда:** ____________________ __. __.                ____________________
(ному насаб)                (имзо)

"____" ____________________ ________
(санаи пешниҳод намудани ариза)

*Намуаи 3*

**Ба Коллегияи адвокатҳои "Истиқлол"**

**Аз номи** *(насаб, ном ва номи падари муроҷиаткунанда)*, **истиқоматкунандаи** *(суроғаи истиқомати муроҷиаткунанда)*, **рақами телефон:** *(рақами телефони муроҷиаткунанда)*

**А Р И З А**

Аз Шумо эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки ба ман дар асоси моддаи 32 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ", ҷиҳати тартиб додани аризаи даъвогӣ оид ба рӯёнидани маблағӣ пулӣ ёрии ҳуқуқии ройгон расонед.

**Замима:**

1. Нусхаи шаҳодатнома оиди доштани мақоми гуреза дар Тоҷикистон.

**Аризадиҳанда:** ____________________ __. __. ____________________

(ному насаб) (имзо)

"_____" ____________________ ________

(санаи пешниҳод намудани ариза)

*Намунаи 4*

**Ба кабинети адвокатӣ дар ноҳияи Ҷайҳун**

**Аз номи** *(насаб, ном ва номи падари муроҷиаткунанда)*, **истиқоматкунандаи** *(суроғаи истиқомати муроҷиаткунанда)*, **рақами телефон:** *(рақами телефони муроҷиаткунанда)*

**А Р И З А**

Аз Шумо эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки ба ман дар асоси моддаи 32 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ”, дар раванди ҷамъоварии маълумот/далел ва тартиб додани аризаи даъвогӣ оид ба бартараф намудани монеагӣ, ёрии ҳуқуқии ройгон расонед.

**Замима:**

1. Нусхаи шиноснома;
2. Шаҳодатномаи маъюбӣ.

**Аризадиҳанда:** ____________________ __. __.                    ____________________
(ному насаб)                    (имзо)

“_____” ____________________ ________
(санаи пешниҳод намудани ариза)